«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур узви вобастаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, профессор
_____________ Салимзода А. Ф.
«__» ___10___ с.2019

Хулосаи
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

Кори диссертатсионии Саидов М. С. дар мавзӯи «Самаранокии иқтисодии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ» (дар асоси маводи корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) дар кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС -и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

Саидов Мирзохуҷа Саъдуллоевич соли таваллуд 1969, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Роҳбарони илмӣ:** *Шарифов Зариф Раҳмонович* – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

**Муқарризон:** Қурбонов А.К. - д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Шукуров И. - н.и.и., дотсенти молия ва қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур.

**Аҳамиятнокии мавзӯи таҳқиқшаванда.** Ташаккули истеҳсолоти гуногуншакли кишоварзӣ дар асоси қоидаҳои бозории хоҷагидорӣ ва шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии моликият ташкили истеҳсолотеро дар корхонаҳои кишоварзӣ дар назар дорад, ки корхонаҳо худ ташкил ва васеъ кардани фаъолияти худро дар шароити муносибатҳои нави бозорӣ ба роҳ монанд. Корхонаҳо дар чунин шароит талабот ба захираҳои заруриро мустақилона муайян мекунанд, дар бораи гирифтани даромад ва фоида ғамхорӣ ва чораандешӣ менамоянд, то хароҷот, аз ҷумла пардохти музди меҳнати кормандонро пӯшонанд, андозҳоро супоранд, истеҳсолотро рушд бахшида ва барои натиҷаи ниҳоии хоҷагидорӣ ҷавоб дода тавонанд.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ шароити бархе аз шаклҳои хоҷагидории кишоварзӣ дар вазъи душвори иқтисодӣ ва молиявӣ қарор доранд. Нобаробарӣ (диспаритет)-и нархҳо барои маҳсулоти саноат ва кишовазӣ, ноустуворӣ ва сиёсати норавшани иқтисодии давлат ва бисёр ҷиҳатҳои дигар ба таназзули ҳатто баъзе истеҳсолоти иқтисодии сарватманд оварда расонд. Ҳамаи ин дар маҷмуъ дастовардҳои истеҳсолоти кишоварзиро мураккаб мегардонад. Дар истеҳсолоти кишоварзӣ накши калидиро ташкили босамари истеҳсолот ва соҳибкорӣ мебозад. Он имкон медиҳад, ки захираҳои замин, моддию техникӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ бо мақсади ба даст овардани микдори зиёдтарини маҳсулот бо хароҷоти камтарин ва даромади баландтарин босамар истифода бурда шавад.

Гузориши анъанавии мушкилоти истифодаи иқтидорҳои шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар сектори аграрии ҷумҳурӣ дар асоси ташаккули захираҳои марказонида ба мақсади усутвории хоҷагии деҳот ва таъмини аҳолии шаҳр бо хӯрокворӣ, ки дар илми ватанӣ ва хориҷӣ дар шароити иқтисоди гуногуншакл ба вуҷуд омадааст, ислоҳоти ҷиддиро тақозо дорад. Ҳангоми гузарондани чунин тағйирот бояд қонуни бозорӣ дар самтҳои таҳияи технологияҳои нав, фаъолгардонии иқтидорҳои корхонаҳои кишоварзии комплекси агросаноатӣ (КАС) ҳамчун субъекти соҳаи маҳсули таъмини марказҳои вилоятӣ ва минтақавии саноатӣ ба назари эътибор гирифта шаванд. Ҳамчунин, ташаккули алгоритмҳои муқоисаи иқтидорҳои захиравию истеҳсолии шаклҳои гуногуни мавҷудаи сектори аграрӣ ва талаботи дар бозор мавҷуда барои маҳсулоти хӯрокворӣ, арзёбии имкониятҳои истифода ва рушди шаклҳои ояндадори корхонаҳои кишоварзӣ, ки имкони бо маҳсулоти хӯрокворении худӣ таъмин  намудани ҷумҳурӣ ва рушди содироти маҳсулоти сектори мазкури иқтисодро фароҳам месозанд, бояд мавриди назар қарор дода шаванд. Андешаҳои баёншуда аз муҳиммият ва сари вақт будани мавзуи интихобкардаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳад.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ дар комёб шудан ба натиҷаҳое, ки дар кори илми оварда шудааст.**

Саидов Мирзохуҷа Саъдуллоевич то оғози таҳқиқотҳо барнома ва методикаи таҳқиқотро таҳия намуда дар ҷаласаи кафедраи ташкили

иқтисодиёт дар КАС, шӯрои илмии факултет ва шӯрои илмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур баррасӣ ва тасдиқ гардид.

**Асосҳои назариявию усулии таҳқиқот.** Ҳамчун асосҳои назариявӣ ва усулии таҳқиқот корҳои илмии классикони илми иқтисод, таҳқиқот ва пешниҳодҳои олимон-иқтисодшиносони соҳаи аграрии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мушкилоти муҳими рушди кишоварзӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрию маълумотӣ ва маводи методӣ хизмат кардаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавриди усулӣ ба таҷрибаи таърихии рушд ваислоҳоти истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад. Вобаста ба вазифаҳои ҳалшавандаи хоси масъалаҳои омӯхташаванда методҳои диалектикӣ, таҳлилӣ, графикӣ, гурӯҳбандии оморӣ, моделикунондани иқтисодию математикӣ, монографӣ, абстрактию мантиқӣ, ҳисобию конструктивӣ, таҳлили муқоисавӣ ва далелӣ ва таҷрибавӣ дар таҳқиқот истифода бурда шуданд.

**Пойгоҳи иттиллоотии таҳқиқот** аз консепсия ва барномаи рушди кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст, ки дар он равишҳои муайянкунии афзалиятҳо ва самтҳои рушди соҳа инъикос ёфтаанд, ҳамчунин пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот аз маводи омории таҳиякардаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пойгоҳи иттиллоотию таҳлилии Вазорати кишоварзӣ, Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёти кишоварзии АИКҶ, маводи таҳлилии байналмилалӣ оид ба мушкилоти мавриди баррасӣ, маълумоти монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, таҳияҳои худӣ ва ҳисобҳои таҳлилии муаллиф, ки ба натиҷаҳои пурсишҳои иҷтимоии гузаронда дохил мешаванд, иборат мебошад.

**Нововарии илмии таҳқикот.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки унсурҳои нововарии илмӣ доранд, инҳо мебошанд:

- Тамоюлҳои объективӣ ва шароити номутобиқатии суръати рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ дар низоми КАС-и ҷумҳурӣ асоснок карда шуданд;
- Сатҳи пасти имконияти харидории молистеҳсолкунандагони деҳот, махсусан хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), нобаробарии нархҳо байни маҳсулоти кишоварзӣ ва саноат, ки барои молистеҳсолкунандагони деҳот заруранд ва

самаранокии иқтисодии хоҷагидориро дар шароити фаъолияти шаклҳои гуногуни моликият ва намудҳои хоҷагидорӣ ба сатҳи поён мефароранд, муайян карда шуданд;

- Таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ҷамъбаст карда шуда, имконияти истифодаи онҳо дар таҷрибаи ватанӣ илман асоснок карда шуданд;

- Ҳолатҳои алоҳидаи ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ аниқ карда шуданд, муайян карда шуд, ки истеҳсолот бевосита дар он хоҷагиҳое ба роҳ монда шавад, ки баланд бардоштани сифати хуб ва рақобатпазирии маҳсулотро дар шароити таъмини монополии нархи моли ба ҷумҳурӣ воридгардида таъмин карда тавонанд;

- Модели ояндадори хоҷагидорӣ бо назардошти тавъамкунонии босамари таркиб ва сохтори истеҳсолот, ки самаранокии иқтисодии онро дар шароити камзаминӣ, минтақаҳои захираҳои меҳнатиаш зиёд ва махсусиятҳои минтақавии ҷумҳурӣ таъмин мекунад, таҳия карда шуданд;

- Фаъолияти нокифояи хадамоти логистикӣ ва маркетингӣ, ки ба самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ таъсири манфӣ мерасонанд, муайян карда шуд. Пешниҳод оид ба такмили механизмҳои ташкили босамари хадамоти маркетингӣ таҳия гардиданд ва самтҳои асосии ташкили шабакаҳои савдо дар асоси намояндагӣ (корхонаҳо)-и маҳаллӣ бо назардошти талаботи бозор дар асоси сервисҳои логистикӣ, ки дар он корхона (харидор) вазифадоранд фурӯши онро бо мақсади таъмини фаъолияти босамари шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ таъмин созанд, муайян карда шуданд.

**Натиҷаҳои назарраси тадқиқот, ки ҷанбаи навоварии илмӣ доранд ва шахсан аз ҷониби унвонҷӯ ба даст оварда шудаанд :**

Натиҷаҳои асосии тадқиқот, ки унсурҳои навоварии илмӣ доранд, инҳо мебошанд:

- Моҳияти иқтисодии самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ аз он иборат аст, ки ба ҳар як воҳиди хароҷот афзоиши назарраси самараро бояд ноил гашт, ё ин ки ба андешаи мо бо роҳи муқоисаи натиҷаҳои дар раванди истеҳсол бадастоварда ва хароҷоти меҳнати таҷассумгардида ва зинда барои ба даст овардани он бо ифодаи фоиз чен карда мешавад. Вазифаи асосии механизми омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои назаривию усулӣ ва ташкилию

ҳуқуқии самаранокии иқтисодии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ аз он иборат мебошад, ки стратегияи муносиби рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ бояд интихоб ва мавриди амал қарор дода шавад.

- Хусусияти аввалини замин дар ҳамин аст, ки он тӯҳфаи табиат барои истифодаи ҳамагон аст. Заминро касе насохта буд ва насохта истодааст. Аз ҳамин лиҳоз мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, замин моликияти умумидавлатӣ мебошад. Истифодаи он дар ихтиёри соҳиби асили он,- деҳқон бошад! Бинобар ин зарур мешуморем, ки бояд модели махсуси истифодаи замин дар шароити фаъолияти гуногуни шаклҳои моликият ва тарзҳои хоҷагидорӣ бо назардошти амалӣ гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ таҳия карда шавад.

- Номутаносибии нархҳои корхонаҳои саноатӣ ва нархи маҳсулоти кишоварзӣ сабаби душвор гардидани дастрасии хоҷагиҳои деҳот барои воситаҳои техникӣ ва гардони саноатӣ (нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо, сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ) гардид. Дар ин самт ҳарчӣ зудтар бунёд ва таъмини рушди корхонаҳои саноати ватанӣ оид ба истифодаи захираҳои истеҳсолии номбаргардида ва таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ ба онҳоро зарур мешуморем.

- Барои таҳким додани фаъолияти шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ҳамкории онҳоро бо райёсатҳои кишоварзии ноҳияҳо бояд ба роҳ монд. Дар раёсати кишоварзӣ ноҳияҳо ба андешаи мо бояд шуъбаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ, баҳисобгирию ҳисобот, хизматрасонии техникӣ ва хадамоти маркетингӣ ташкил карда шавад. Ҳудуди заминҳои киштзори кишоварзии ҳар як деҳа дар ҳама деҳоти ҷумҳурӣ ба мардум маълум аст. Тақсимоти ин заминҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти пешниҳоди мардуми деҳот дар асоси қарори мардум мавриди истифода қарор дода шавад.

- Маълум аст, ки барои босамар пеш бурдани истеҳсолот бояд ҷарайёни истеҳсолот ба захираҳои истеҳсолӣ таъмин бошад. Барои ҳалли ин масъала хоҷагӣ ба микдори муайян бояд воситаҳои пулӣ аз натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, самаранокии иқтисодӣ ҳамчун заминаи асосии ба роҳ мондани раванди азнавистеҳсолкунии васеъи захираҳои

истеҳсолӣ мегардад. Ин нишондиҳанда дар фаъолияти асосии хоҷагиҳо ҳатман ба инобат гирифта шавад ва арзёбӣ гардад.

- Ташкили шаклҳои хоҷагидории бозорӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ вобаста ба шароитҳои табиӣ ба роҳ монда шавад. Ин имкон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода шавад. Дар ин ҷо пеш аз ҳама самаранок истифодабарии намнокӣ, рӯзҳои офтобӣ ва дараҷаи гармии рӯзҳо ки боигариҳои муҳими табиӣ мебошанд, бояд диққат дод. Мавҷудияти захираҳои обҳои мусаффо, махсусан дар мавзеъҳои наздикуҳӣ мавҷудияти оби чашма, ки ин имкон медиҳад, ки имкон медиҳад, ки ташкили хоҷагиҳои картошкапарварӣ ва моҳипарварӣ, аз ҷумла гулмоҳӣ, ки дар ҷаҳон ҳамто надорад, ба роҳ монда шавад.

- Баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ аз таҳия ва интихоби дурусти модели рушди хоҷагиҳо вобаста аст. Таҳияи модели рушди корхонаҳои кишоварзӣ бояд ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста карда шавад. Ин вазифаи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки бояд ҳалли маҷмӯи мушкилотро ба уҳда гирад, дарки он ба фаҳмиши модел, табиат, мақсадҳои ислоҳоти анҷомдодашаванда ва бо баҳисобгирии шароити сиёсӣ ва талаботи бозори ҷаҳонӣ вобаста мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки оид ба ҳолати пойгоҳи ташкилию ҳуқуқии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ, ҳолати муосири раванди ислоҳоти истеҳсолоти кишоварзӣ, арзёбии шаклҳои гуногуни хоҷагидории фаъолияткунанда дар шароити бисёрукладӣ, дурнамои шакли ташкилию иқтисодии хоҷагидории сектори аграрӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва илмӣ-методӣ таҳқиқ гардида, чораҳои мушаххас ва тадбирҳои ҷиҳати беҳтару мукаммалтар гардонидани фаъолияти шаклҳои хоҷагидории бозорӣ, ки дар диссертатсия баён гардидаанд, метавонанд дар дарозмуддат дар соҳаи кишоварзӣ мавриди истифода қарор гиранд. Дар сатҳи ноҳияҳо ва вилоятҳо тадқиқоти анҷомёфта ва натиҷаҳои асосии он ҷиҳати ташаккули муносибатҳои нави бозорӣ, роҳу воситаҳои таъмин намудани фаъолияти бомароми истеҳсолию молиявии хоҷагиҳои кишоварзии бозорӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

**Арзиши амалии кор.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбасти илмию амалии таҳқиқоти муаллиф оид ба ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва самаранокии иқтисодии онҳо дар шароити иқтисоди бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Равишҳои консептуалӣ оид ба таҳияи стратегияи рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ бо назардошти махсусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудӣ аз бисёр ҷиҳат ба беҳбудии асосҳои муносибатҳои бозорӣ ва ба он мутобиқгардонии механизмҳои хоҷагидорӣ мусоидат мекунад, ки ин самаранокии иқтисоди миллиро дар умум таъмин месозад.

**Дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ба конфронсҳо ва семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод шуда буданд ва баҳои мусбат гирифтанд. Қисматҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ истифода бурда шуданд.

**Дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосии диссертатсия дар баромадҳо ва фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ маърӯза гардидаанд.

Оид ба мавзӯи кори диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 3,0 ҷузъи чопӣ нашр карда шудаанд. Чортои он дар маҷаллаҳои ба феҳристи нашрияҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда шомилбуда нашр шудаанд.

**Мақолаҳои асосии муаллиф дар робита ба мавзӯи таҳқиқот:**

**А) Интишорот дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

1. Саидов М.С. Теоретические аспекты экономической эффективности различных форм хозяйствования в аграрном секторе // Кишоварз, №1 -2018. – С. 74-77.

2. Саидов М.С. Конкурентноспособность различных форм сельскохозяйственных предприятий // Кишоварз, №1 2018. – с.86-88

3. Саидов М.С. Рақобат асоси интихоб ва рушди шаклҳои хоҷагидории бозорӣ // Кишоварз, №3 (83), 2019. - С.220-222

**б) дар дигар нашрияҳо:**

1. Саидов М. С., Бобоев Ш.Қ. Саҳми кишоварзӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣ. / Маҷмӯаи мақолаҳо аз конф. илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, Душанбе, 2018.- с.75-77
2. Саидов М. С. Асосҳои илмӣ, методологӣ ва ташкилии ҷамъоварию коркарди ахбори муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ./Маҷмӯаи мақолаҳо аз конф. илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, Душанбе, 2018.- с.31-34

**Қ А Р О Р:**

1. Кори диссертатсионии Саидов Мирзохуҷа саъдуллоевич дар мавзӯи «Самаранокии иқтисодии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ» (дар асоси маводи корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ), ба итмом расида ҳисобида шавад.

2. Кори диссертатсионии Саидов Мирзохуча Саъдуллоевич дар мавзӯи «Самаранокии иқтисодии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ» (дар асоси маводи корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба муҳокимаи асосӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласаи муштаракаи факултетҳои баҳисобгирӣ ва молия ва иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (протоколи № 2 аз 20.03.2019) 25 нафар иштирок доштанд.
Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: «Тарафдор» - 25 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест.

Раис
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
декани факултети баҳисобгирӣ ва молия. Олимов А. Х.

Котиб
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи молия ва қарз дар КАС Бобоев А. А.

ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО

Личную подпись тов. Олимов А. Х. Бобоев А. А.
Заверяю, нач. отд. кад